**СУРАТҶАЛАСАИ №83/02-КЭ**

шурои муштараки диссертатсионии 6D КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 21 ноябри соли 2023

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои муштараки диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 10 нафар иштирок доштанд: Гулмадов Ф. - раиси шуро, Негматов С.Э. – ҷонишини раиси шуро, Каримзода М. - котиби илмӣ, аъзои шуро: Иматзода Л.М., Лутфуллоев М., Муҳамметов Ғ., Ҳоҷиматова Г.М., Раҳимзода Х, Рӯзиева Л., Шербоев С., аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РУЗНОМА:**

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мазуи “Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъин кардани комиссияи экспертӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯи масъалаи якум гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Каримзода М.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Сафарзода Мунир Ватан, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба

шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мазуи “Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Мухаметов Г.Б. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои комиссия;
- Негматов С.Э. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои комиссия;
- Шербоев С. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 10 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

**Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** **Гулмадов Ф.**

**Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** **Каримзода М.**

*“Имзои Ф. Гулмадов ва М.Каримзодаро тасдиқ мекунам”*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ М. Саидова

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ